«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
________________ Сафарзода Д.Ҷ.
«____» ________________ 2024 сол

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бо печидаву мураккаб гаштани вазъи сиёсии ҷаҳонӣ, дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, суръати бештар гирифтани ҷаҳонишавӣ ва тағйироти дигари ҷамъиятӣ осебпазирии истиқлолияти давлатӣ беш аз пеш меафзояд. Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Солҳои охир дар натиҷаи торафт густариш пайдо кардани фаъолияти гурӯҳу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ вазъи ҷаҳон ба дараҷае ҳассосу печида ва мураккабу пешгӯинашаванда гардидааст, ки ягон кишвар кафолати эмин мондану дар канор будан аз ин раванди хатарнокро надорад». Дар чунин шароит доштани қувваҳои мусаллаҳ дар баробари аз муҳимтарин рукнҳои давлатдорӣ будан боз кафили боэътимоди миллат дар ростои таҷовузҳои хориҷӣ ва эътидолбахши хатарҳои сатҳи дохилӣ унвон мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии институти уҳдадории ҳарбӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, дар тақвият ва таҷдиди он мусоидат менамояд.

Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст.

Эҳёи арзишҳои миллӣ, ҳифз ва муаррифии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ барои баланд бардоштан ва таҳким бахшидани рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии мардум, бахусус наврасону ҷавонон хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Довталаби дараҷаи илмӣ институти уҳдадории ҳарбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, таъкид кардааст, ки марҳилаи ислоҳоти тадриҷӣ ва мунтазамро аз сар мегузаронад. Ба андешаи мавсуф, навовариҳои аз ҳама намоён ва бунёдӣ дар ин самт ҷорӣ намудани хизмати алтернативии шаҳрвандӣ (сафарбаркунӣ) буда, ҳамзамон, ҷалби шахсони дорои маълумоти олиро дар бар мегирад. Ин тағйирот дар тартиби адои хизмати ҳарбӣ, дар навбати худ, ба қоидаҳои тартиби бақайдгирии ҳарбӣ ва тартиби даъвати ҳарбӣ таъсир расонида, ки давлат пайваста кӯшиш менамояд, то шаклҳои нави иҷрои уҳдадории ҳарбиро инкишоф дода, самаранокии шаклҳои мавҷударо беҳтар намояд.

Ба ин тартиб, унвонҷӯ дар ҳалли масъалаҳои илмӣ вобаста ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба уҳдадории ҳарбӣ саҳми назаррасн худро гузоштааст. Ҳамзамон, мушкилотҳои илмиеро

коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла:

1. Нахустин бор уҳдадории ҳарбӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба таври монографӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

2. Уҳдадории ҳарбӣ дар муқоиса ба дигар уҳдадориҳои шаҳрвандон бори аввал мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

3. Уҳдадории ҳарбӣ нахустин бор дар низоми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд баррасӣ шуда, мавқеи қонунгузорӣ дар ин самт нишон дода шудааст;

4. Мавқеи қонунгузориҳои кишварҳои дигар дар робита ба уҳдадории ҳарбӣ шарҳу тавзеҳ дода шуда, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо муқоиса карда шудааст;

5. Бори аввал уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун рукни ватандӯстӣ ва худшиносӣ ба баҳс кашида шудааст.

Муаллиф низоми мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи уҳдадории ҳарбӣ таҳияву коркард ва тавсияҳои амалиро оид ба рушд ва иҷрои бечунучарои уҳдадории ҳарбӣ пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардаи муаллиф аз он далолат медиҳанд, ки таҳқиқот бо омӯзиши воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, таҳлили натиҷаҳо, пешниҳодҳо, тавсияҳо ва хулосаҳои илман асоснокардашуда, муайяннамоии таҳияи ақидаю тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида, навоварии илмии уҳдадории ҳарбӣ алоқаманд аст.

Муаллиф қайд мекунад, ки имрӯз давлати мо ба марҳилаи нави тараққиёт қадам мегузорад, ки моҳияти он дар мустаҳкам шудани давлат, дар зуҳуроти рӯзафзуни манфиатҳои миллӣ мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки воситаҳои нави амалӣ гардонидани ин манфиатҳоро ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Дар баробари ин, ба амал баровардани қарзи шаҳрвандӣ барои ҳифзи Ватан вобаста ба шароити мушаххас, инчунин,

ба хусусияту имкониятҳои фардии шахс кори бисёрҷабҳа мебошад. Аз ин ҷост, ки дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон нақши муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ хеле меафзояд. Уҳдадории ҳарбӣ имрӯз вобаста ба ҳимояи давлат ва манфиатҳои он муҳим буда, на танҳо дорои хусусиятҳои муайян, балки фарогири принсипҳо мебошад. Аммо вобаста ба талаботи замон ва рушди ҷомеа уҳдадории ҳарбӣ ба як қатор тағйирот ва дигаргунӣ ниёз дорад. (саҳ. 41)

Диссертант давлатдориҳои қадима ва асримиёнагиро омӯхта, ба хулосае меояд, ки муносибаташонро ба уҳдадории ҳарбӣ дар заминаи эътиқодоти динӣ ва табақаҳои ҷомеа ба роҳ мемонданд. Аз ҷумла, дар Шарқ, хусусан гузаштагони тоҷикон, муносибати худро бо уҳдадории ҳарбӣ, чи дар замони зардуштӣ ва чи дар давраи исломӣ, дар заминаи дин пайрезӣ мекарданд, дар ҳоле ки давлатдориҳои ғарбӣ то интишор ёфтани масеҳият дар он дар масъалаҳои мазкур аз рӯйи табақабандии мардум муносибат мекарданд. Уҳдадории ҳарбӣ ба маънои имрӯзааш барои тоҷикон аз Инқилоби Октябр маншаъ мегирад. (саҳ. 59).

Муаллиф қайд менамояд, ки санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон як чаҳорчӯби меъёриро пешниҳод мекунанд, ки ба хизмати ҳарбӣ дахл доранд. Онҳо стандартҳо ва интизориҳои давлатҳо ва ҚМ-ро барои эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқҳои ашхосе, ки дар артиш хизмат мекунанд, инчунин, ҳуқуқҳои ғайринизомиён, ки аз амалиёти низомӣ осеб дидаанд, муқаррар месозанд. Бо риояи ин принсипҳо муассисаҳои ҳарбӣ кафолат медиҳанд, ки амалҳои онҳо ба ҳадафҳои васеътари ҳуқуқи инсон мувофиқат намуда, фарҳанги шаъну шараф, адолат ва масъулиятро дар ҚМ риоя менамоянд (саҳ. 73).

Диссертант таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷоти кадрҳои ҳарбӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба болоравӣ ва нуфузи артиш, мақоми хизматчиёни ҳарбӣ таҳия ва амалӣ менамояд. Воқеан, хизматчиёни ҳарбӣ шумораи хеле зиёди имтиёзҳои гуногун доранд. Ҳамаи ин имтиёзҳо ба беҳбуди вазъи молӣ, баланд бардоштани нуфузи хизмати ҳарбӣ, таъмини вуруди кадрҳо ба хизмати ҳарбӣ равона

гардидааст. Бо назардошти мушкилоти маблағгузории артиш, ки имрӯз дар назди давлат қарор дорад, метавон гуфт, ки имтиёзҳое, ки ба хизматчиёни ҳарбӣ дода мешаванд, яке аз тадбирҳои воқеии пешгирии пастшавӣ ва дар сатҳи муайян нигоҳ доштани мақоми хизматчиёни ҳарбӣ мебошад. (саҳ. 94).

Таъсис ва ташкили ҚМ дар давлатҳои Исроил, Сингапур, ИМА ва Гурҷистон бо таъсису ташкили ҚМ дар ҶТ шабоҳати зиёд дорад, зеро ҚМ дар ин кишварҳо аз сифр оғоз шудааст. Аз ин рӯ, истифода аз таҷрибаҳои кишварҳои мазкур дар ин самт барои рушду пешрафти ҚМ-и ҶТ бисёр мувофиқ мебошад. (саҳ. 128).

Мафҳуми ватандӯстӣ бисёр васеъ буда, дар адабиёти илмӣ бо шарҳу тавзеҳи гуногун оварда шудааст. Хусусан, дар сарчашмаҳои гуногунсоҳаи классикии форсу тоҷик мафҳуми ватандӯстӣ аз далолати муосир ба куллӣ фарқ мекунад. Имрӯз ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин унсури тарбияи ҷавонон буда, масъулиятпазирӣ ва иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандиро нишон медиҳад. (саҳ. 144).

Диссертатсия аз 2 боб ва 7 зербоб иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф ҳадафҳои илмӣ, вазифаҳо, заминаи методологӣ ва аҳаммияти тадқиқотро асоснок мекунад. Бояд қайд кард, ки муқаддима аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзӯи омӯхташуда, инчунин навоварии онро дар заминаи таҳқиқоти мавҷудаи ҳуқуқӣ ва таърихӣ равшан нишон медиҳад.

Боби якум ташаккули назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ном гирифта, аз 3 зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал масъалаҳои назариявии уҳдадории ҳарбӣ баррасӣ карда мешаванд. Равишҳои гуногун барои муайян кардани уҳдадории ҳарбӣ, сохтор ва моҳияти он таҳлил карда мешаванд. Муаллиф тавонистааст робитаи уҳдадории ҳарбиро бо системаи умумии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон равшан намояд.

Зербоби дуюми боби аввал шарҳи таърихии уҳдадории ҳарбӣ

ватаҳлили рушди онро дар марҳилаҳои гуногуни таърихи давлат дар бар мегирад. Муаллиф таҳаввулоти меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва тағирёбии онҳоро таҳти таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ таҳқиқ мекунад.

Муносибати уҳдадории ҳарбӣ бо ҳуқуқ, озодиҳо ва дигар уҳдадории инсон зербоби сеи боби якумро ташкил мекунад ва дар ин зербоб таҳлил карда мешавад, ки чӣ гуна ӯҳдадории ҳарбӣ бо дигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон алоқаманд аст. Муаллиф ҷанбаҳои ҳуқуқии хизмати ҳатмии ҳарбиро дар заминаи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ баррасӣ мекунад.

Боби дуюм Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои амалӣ ва муқоисавии масъулияти ҳарбӣ ном гирифта аз 3 зербоб иборат аст.

Масъалаҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ зербобӣ 1 буда, меъёрҳои ҳуқуқии муосир, ки уҳдадории ҳарбиро танзим мекунанд, баррасӣ менамояд. Муаллиф санадҳои қонунгузории мавҷударо, ки хизмати ҳарбиро танзим мекунанд, таҳлил намуда, самаранокии онҳоро арзёбӣ намудааст.

Масъалаҳои амалишавии уҳдадориҳои ҳарбӣ, зербоби 3 боби 1 диссертатсияро ташкил мекунад ва ба ҷанбаҳои амалии иҷрои уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст. Муаллиф механизмҳои иҷрои хизмати ҳарбиро таҳлил карда, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳоро баррасӣ мекунад. Ҷанбаи муҳим дар ин ҷо арзебии муаллиф оид ба татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадории хизматчиени ҳарбӣ дар амал, инчунин пешниҳоди ӯ оид ба беҳтар кардани ин система мебошад.

Масъалаҳои муқоисавии уҳдадории ҳарбӣ зербоби сеюми кор буда, дар ин зербоб муаллиф таҳлили муқоисавии уҳдадории ҳарбиро дар кишварҳои гуногун анҷом дода, фарқиятҳо ва шабоҳатҳоро дар танзими ҳуқуқӣ таҳқиқ мекунад.

Зербоби 4 боби 2 ба нақши ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ

бахшида шудааст. Муаллиф таҳлил мекунад, ки чӣ гуна мафҳуми ватандӯстӣ ба омодагии шаҳрвандон барои иҷрои ӯҳдадориҳои ҳарбӣ таъсир мерасонад ва чӣ гуна он дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти маҷмуавӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-хуқуқии ухдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии ӯҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, мусоидат менамоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавонад истифода шавад.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода М.Н. манзургардида дар хусуси инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ухдадории ҳарбӣ метавонанд дар омода намудани воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин, ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқӣ-назариявӣ ва дигар корҳои таҳқиқотию илмӣ истифода шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

1. Муаллиф ухдадории ҳарбиро яке аз пояҳои асосии давлатдорӣ дониста, қайд менамояд, ки он вобаста ба талаботи замон ва рушди ҷомеа ба тағйирот рӯ ба рӯ мешавад. Ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ

байни мафҳумҳои «уҳдадории ҳарбӣ» ва «хизмати ҳарбӣ» фикри ягона вуҷуд надошта бошад ҳам, истифодаи мафҳуми «уҳдадории ҳарбӣ» дар қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки он аз мафҳуми «хизмати ҳарбӣ» фарогиртар аст.

2. Уҳдадории ҳарбӣ дар муқоиса ба дигар уҳдадориҳои шаҳрванд бори аввал мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Изҳорот дар бораи он, ки уҳдадории ҳарбӣ бори аввал дар муқоиса бо дигар уҳдадориҳои шаҳрвандӣ баррасӣ шудаанд, ҷанбаи муҳимми таҳқиқотро дар назар дорад, ки вазъи беназири уҳдадории ҳарбиро дар байни дигар шаклҳои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ таҳлил мекунад. Дар доираи чунин кор, муҳаққиқ қайд мекунад, ки чи гуна қонунгузорӣ, дарки ҷомеа ва рушди таърихии уҳдадории ҳарбӣ онҳоро аз дигар уҳдадориҳо, ба монанди пардохти андозҳо ё иштирок дар интихобот фарқ мекунад. Чунин таҳлили муқоисавӣ метавонад хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ, вазифаҳо ва имтиёзҳои марбут ба хизмати ҳарбиро ки ин омилҳо ба сохтори уҳдадориҳои шаҳрвандӣ дар маҷмуъ чи гуна таъсир мерасонанд, муайян намояд.

3. Дар тавсияи амалӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки вобаста ба таъмини шаффофият, адолат ва баробарӣ низоми электронии бақайдгирии ҳарбӣ ташкил карда шавад. Дар асоси ин додгоҳ маркази ягонаи даъватии ҳарбӣ ташкил карда, шаҳрвандонро дар асоси «интихоби тасодуфӣ» бе назардошти миллат, ранги пуст, вазъи молумулкӣ, баромади иҷтимоӣ ва дигар принсипҳои конститутсионӣ интихоб намоянд.

Ҳангоми таҳлили тавсияи амалии пешниҳодшуда метавон чанд ҷанбаи калидиро қайд кард, аз ҷумла:

Якум, муаллиф пешниҳод мекунад, ки низоми электронии бақайдгирии ҳарбӣ таъсис дода шавад. Ба назари ӯ, ин иқдом метавонад дар таъмини шаффофият, адолат ва баробарӣ дар раванди даъват ба хизмати ҳарбӣ мусоидат кунад. Чунин ташаббус эҳтимолан бо хоҳиши

кам кардани коррупсия, хатоиҳо ва ғаразнокӣ ҳангоми баҳисобгирӣ ва даъвати шаҳрвандон, инчунин, сода кардани раванди бақайдгирӣ ва баҳисобгирии хизматчиёни ҳарбӣ алоқаманд аст.

Дуюм, пешниҳоди таъсиси маркази ягонаи даъватӣ, ки принсипи "интихоби тасодуфӣ" - ро истифода мебарад, ба таъкиди унвонҷӯ, қадами бузург дар таъмини баробарӣ ҳангоми даъват мебошад. Чи тавре қайд гардид, принсипи «интихоби тасодуфӣ» имконияти табъизро дар асоси омилҳо, ба монанди миллат, ранги пуст, вазъи молиявӣ ва мақоми иҷтимоӣ истисно мекунад.

Аммо, чунин пешниҳод як қатор саволҳоро ба миён меорад. Аввалан, сарфи назар аз объективияти интихоби тасодуфӣ, бо назардошти ниёзҳои мушаххаси артиш ва давлат, ба монанди талабот ба малака ва касбҳои муайян, мушкилот ба миён омада метавонад. Дуюм, истисно кардани ҳамаи принсипҳои конститутсионӣ, ба истиснои интихоби тасодуфӣ, метавонад ҳамчун мухолифи худи принсипҳое, ки бояд ҳуқуқи шаҳрвандонро ҳимоя кунанд, қабул карда шавад.

Низоми пешниҳодшуда таҳлили муфассалро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ талаб мекунад. Бояд ба назар гирифт, ки чи гуна чунин низом бо меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда ҳамкорӣ карда, риояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро таъмин мекунад.

4. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки принсипи «ногузирии уҳдадории ҳарбӣ» ба қисми 5 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадори ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» илова карда шавад. Ин принсип ба рушди уҳдадории ҳарбӣ вобаста ба иҷрои хизмати ҳарбӣ оварда мерасонад, зеро он ҳангоми иҷро накардани уҳдадории ҳарбӣ то синни 27– солагӣ ҷавобгариро ба бор меоварад.

Бо таҳлили ин принсип, якчанд ҷанбаҳои калидиро ҷудо кардан мумкин аст, ки принсипи "ногузирии уҳдадории ҳарбӣ" маънои онро дорад, ки саркашӣ аз иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ қатъиян ҷазо дода мешавад. Ин метавонад ҳам ҷазоҳои маъмурӣ ва ҳам ҷиноятиро дар бар

гирад, ки хусусияти ҳатмии хизмати ҳарбиро тақвият медиҳад. Чунин чора метавонад сатҳи интизом ва масъулиятро дар байни шаҳрвандоне, ки ба даъвати ҳарбӣ дохил мешаванд, баланд бардорад.

Ҷорӣ намудани принсипи "ногузирии уҳдадории ҳарбӣ" метавонад ба низоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизмати ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири назаррас расонида, хусусияти ҳатмии хизмати ҳарбиро тақвият дода, масъулияти шаҳрвандонро баланд бардорад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ, бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравand, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончи:**

1. Дар боби 2 зербанди 3 муаллиф ба таҷрибаи уҳдадориҳои ҳарбии як қатор кишварҳои пешрафта, ба монанди Исроил, Сингапур ва Гурҷистон, ки дар сатҳи қонунгузорӣ дар соҳаи даъват ва сафарбаркунӣ тағйирот ва иловаҳо ворид кардаанд, муроҷиат мекунад. Ин тағйирот, тавре ки муаллиф таъкид мекунад, ба шароит ва вақти мушаххас вобаста аст, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ ва мутобиқсозии қонунгузории ҳарбӣ мусоидат мекунад. Кишварҳои зикршуда бо сиёсати қатъӣ ва муттасили низомии худ машҳуранд, ки намунаҳои онҳоро барои таҳлил ва татбиқ дар дигар давлатҳо муҳим мегардонанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки чунин тағйирот дар қонунгузорӣ ба беҳтар шудани механизмҳои даъват ва сафарбаркунӣ мусоидат намуда, онҳоро ба даъватҳои ҷорӣ ва талаботи замон мутобиқ кардааст. Ин ҳам навсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам такмили тартиботро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки дараҷаи баланди омодагӣ ва самаранокии қувваҳои

низомиро таъмин кунад.

Бо вуҷуди ин, савол ба миён меояд: чаро муаллиф ин таҷрибаро бо равишҳои кишварҳои ҳамҷивори ИДМ, ки метавонанд шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихии шабеҳ дошта бошанд, муқоиса намекунад? Дохил кардани таҳлили таҷрибаи кишварҳои ИДМ метавонад дар бораи роҳҳои имконпазири навсозии қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати ҳарбӣ ва даъват дар заминаи воқеиятҳои пасошуравӣ тасаввуроти мукаммалтар диҳад.

2. Муаллиф дар зербоби 1.2. диссертатсия қайд намудааст, ки иҷрои вазифаи ҳарбӣ аз нуқтаи назари таърихӣ имкон медиҳад, ки пайдоиш ва рушди ин консепсия дар заминаи давраҳои гуногуни таърихӣ таҳлил карда шавад. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳарчанд истилоҳи "уҳдадории ҳарбӣ" таърихи қадимае надорад, худи идеяи хизмат ба Ватан ва ҳимояи марзҳои он аз таҷовузгарон решаҳои хеле амиқтар дорад, ки ба давраҳои пеш аз ташаккули давлатҳо рост меояд.

Муаллиф қайд мекунад, ки истилоҳи "уҳдадории ҳарбӣ" дар фаҳмиши муосири он нисбатан нав буда, ба пайдоиш ва рушди давлатҳое вобаста аст, ки уҳдадориҳои шаҳрвандони худро барои мудофиаи кишвар равона кардаанд.

3. Пешниҳоди баланд бардоштани синни хизмати ҳарбӣ аз 27 ба 30, ки онро бо синну соли хизмати давлатӣ баробар мекунад, хоҳиши эҷоди ягонагии синну солро дар байни хизматчиёни соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ инъикос мекунад. Ин қарорро аз якчанд нуқтаи назар баррасӣ кардан мумкин аст.

Идеяи баланд бардоштани синни хизмати ҳарбӣ то 30 - солагӣ ҳадафи эҷоди ҳадди ягонаи синну солро барои ҳамаи онҳое, ки ба давлат хизмат мекунанд, дорад. Ин ба бартараф кардани номутаносибии байни категорияҳои гуногуни кормандон мусоидат намуда, шароит ва талаботи баробарро барои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста бо соҳаи фаъолияти онҳо нигоҳ медорад.

Аз назари мо, пешниҳоди мазкур метавонад мушкилиро ба бор орад. Аз ҷумла, баланд бардоштани синни хизмати ҳарбӣ метавонад раванди мутобиқсозии иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандонро пас аз адои хизмат душвор гардонад. Дар синни 30-солагӣ, бисёр одамон аллакай уҳдадориҳои касбӣ ва дигар уҳдадориҳои иҷтимоӣ доранд, ки метавонанд бозгашти онҳоро ба ҳаёти шаҳрвандӣ ва фаъолияти касбӣ мушкилтар кунанд.

Инчунин, баланд бардоштани синни хизмати ҳарбӣ сабаби таъхиргузории хизмат гашта, бо ин метавонад боиси кам шудани шумораи даъватшавандагони дастрас гардад.

Эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф

Нозим ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 12 нафар: тарафдор - 12 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявй таҳти №1\1 аз 31 августи соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Мижгона Муборакшоевна Холинова номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 10 нафар: тарафдор - 10 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №1\1 аз 31 августи соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи назарияи давлат

ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Котиб:** мутахассис-коргузори кафедраи
назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозорова С.С.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам**:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj. 03. 09. 2024